## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи ««Бадоеъ-ул-вақоеъ»- и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI». – Душанбе, 2026.**

Бояд қайд намуд, ки дар рисолати таърих метавонад барои миллат ва бедор намудани руҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, афзун намудани донишҳои таърихии насли наврас хизмат намояд. Вобаста ба ин таҳқиқи саҳифаҳои таърихи мероси арзишманди маънавии гузаштагон дар мисоли «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ масъалаи муҳим ва арзишманди таърихӣ ба шумор меравад.

Таърихнигорон дар замони муосир ба таври фазоянда таваҷҷуҳе ба асарҳое мекунанд, ки дар асрҳои мухталиф аз ҷониби ашхоси гуногунпеша навишта шуда, шоҳиди робитаҳои пойдор бо асри хеш буда, дар рисолаҳои таърихӣ чизе намегӯянд ва ё ба таври гузаро иттилоъ медиҳанд. Масоили таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии давлатҳо ва мардумони дар он қаламрав дар давраҳои мухталифи таърихӣ сукунатдошта дар ин инъикоси худро ёфтаанд.

Мубрам будани мавзуъ боз дар он дида мешавад, ки то ба ҳол ҳеҷ асари илмии хосе дар таърихнигории Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон, ки ба таҳқиқи рисолаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»- и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад.

Мақсад таҳқиқот аз анҷоми баррасӣ ва таҳлили манбаъшиносии рисолаи мазкур ва муайян намудани аҳаммияти он дар омӯзиши таърихи Мовароуннаҳр, Эрон ва Хуросон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI иборат аст.

Объекти таҳқиқотро рисолаи арзишманди «Бадоеъ-ул-вақоеъ»- и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ташкил медиҳад, ки маводҳои он ба унвони ахбори таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI дар баррасии масоили фарҳангӣ ва ҳаводиси сиёсӣ ба доираи илмӣ кашида шудаанд.

Чаҳорчӯби замонии таҳқиқот сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI-ро фаро мегирад.

Дар пешгуфтори рисола мубрам будани мавзуи таҳқиқот баён шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, чаҳорчӯби таърихӣ-этнографӣ, заминаҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи сарчашмашиносӣ, навоварии илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаби

дарёфти дараҷаи илмӣ дар ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ, апробатсия ва сохтори диссертатсия муайян гардидаанд.

Навоварӣ ва мустақилияти фикрӣ, эҷодкорӣ дар ҳама бахшҳои рисолаи илмӣ ба назар мерасад. Хулосаҳои муаллиф дар ҳамаи қисмҳои диссертатсия ҷолиби диққат ва шоёни таҳсин аст. Рисола аз ҷиҳати усулҳои илмӣ, мантиқӣ, услубӣ ва имлоӣ ба талаботи лозима ҷавобгӯ мебошад.

Боби аввали диссертатсия аз ду зербоб иборат буда, дар зербоби аввал доир ба зиндагиномаи Зайниддин Маҳмуди Восифӣ маълумот дода шуда, дар зербоби дуюм муаллиф вазъи Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI ва шароити таърихии эҷоди асарро инъикос намуда, дар давраи таҳқиқ маълумотҳои саҳеҳ овардааст.

Дар боби дуюм, ки аз ду зербоб иборат аст, дар зербоби аввал низоҳои мазҳабӣ дар асар инъикос ёфтааст. Зербоби дуюм мартаба, маросим ва мансабҳои маъмурӣ дар «Бадоеъ–ул– вақоеъ» баррасӣ гардидааст.

«Бадоеъ–ул– вақоеъ» ба ҳайси сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI дар боби сеюм таҳлилу тавзеҳ мекунад. Дар зербоби якум ҳаёти меъморӣ ва ҳунармандӣ дар «Бадоеъ–ул– вақоеъ» инъикос гардидааст. Дар зербоби дуюм бошад санъати мусиқӣ ва этнографӣ дар асари таърихии «Бадоеъ–ул– вақоеъ» баррасӣ мегардад. Дар зербоби сеюм суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ–ул– вақоеъ» инъикоси худро ёфтааст.

Дар охир муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»- и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ яке аз сарчашмаҳои муҳими таърихӣ-этнографии асрҳои XV- XVI ба шумор рафта, маълумоти дар он овардашуда барои равшан намудани бисёр масоили номаълум ва баҳсталаби ин давра нақши арзандаи илмӣ мебозад. Яке аз арзишҳои ин маъхаз дар он зоҳир мегардад, ки воқеаҳои дар он инъикосгардида мушоҳидаҳои бевосита худи муаллифи асар мебошанд.

Автореферат кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Сайдализода Р.А. дар мавзуи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Сайдализода Р.А., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи умумии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав", доктори илмҳои таърих, профессор:** **Халилзода (Алимов) Давлаталӣ Халил**

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор
Халилзода Д.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ "ДДБ ба номи
Носири Хусрав": Исҳоқзода Муслиҳиддин Маҳмараҷаб
14. 09. 2026

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав",
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail: btsu78@ mail.ru